«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«20» январи соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия ва атореферати Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсия дар мавзуи «Муқоисаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад ва он ба лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Қазияи маҳфуз мондани унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ зикрёфта дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ то ҳол ба таври комил мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мавриди муқоиса қарор додани калимаву таркиб ва ибораҳои фарҳангномаи мазкур бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ яке аз масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад.

Ромпурӣ фарҳангномаи худро, ки дар байни фарҳангномаҳои дигар хусусияти ҷамъбасткунандаро дорад, дар асоси маводи осори илмиву адабӣ ва луғатномаҳои гузаштагону ҳамзамононаш дар давоми чаҳордаҳ сол таълиф карда, онро соли 1827-ум анҷом додааст. Дар фарҳанги мазкур ҳабдаҳ ҳазору панҷсаду сиву ҳафт воҳиди луғавӣ шарҳ дода шудаанд ва як ҳиссаи чунин унсурҳои луғавиро калимаву таркиб ва ибораҳое ташкил додаанд, ки бо вуҷуди аз доираи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ берун шуданашон дар забони мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва мавзеъҳои бурунмарзии тоҷикнишин боқӣ мондаанд.

Инъикос карда нашудани робитаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии “Ғиёс-ул-луғот” бо лаҳҷаҳои имрӯзаи ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муайянкунандаи мақсаду вазифаҳои рисолаи мазкур маҳсуб мегардад. Пойдормонии калимаву таркиб ва иборахои муқаррариву рехтаи “Ғиёс-ул-луғот” дар лаҳҷаҳои муосири номбурдаи тоҷикӣ водор мекунад, ки усулҳои маҳфузмонии онҳо ба таври комил аз назари таҳлил гузаронида шаванд.

Дар таълифи диссертатсия унсурҳои луғавии яке аз муътабартарин фарҳангномаҳои гузашта “Ғиёс-ул-луғот”-и Ромпурӣ гирдоварӣ карда шуда, онҳо бо маводи дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ маҳфузмонда муқоиса карда шудаанд ва ба ин восита дараҷаи умумияту фарқи лексикаи луғатномаи мазкур бо гуфтори минтақаҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

**Предмети таҳқиқ.** Дар кори диссертатсионии мазкур хусусиятҳои зикри унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигари эронӣ, арабӣ, туркӣ, ҳиндӣ)-и “Ғиёс-ул-луғот” баррасӣ гардида, усулҳои пойдормонии онҳо дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолӣ, инчунин истифодаи унсурҳои лаҳҷавӣ ҳамчун маводи эзоҳёбанда ва зикри онҳо аз забони муаллифи луғатнома нишон дода шудаанд.

Дар раванди таҳлили масъалаи мазкур асосан аз усули тафсири лингвистӣ истифода шудааст. Ҳамчунин ҳангоми баррасии масъалаи тазаккурёфта усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, оморӣ, тафсири луғавӣ низ фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.** Дар рисола нахустин маротиба дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX робитаи унсурҳои луғавии он бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ба андешаи рӯшанӣ андохтан ба нуктаҳои мавҳуми истифодаи вожаҳои алоҳида ва мансубияти забонии онҳо далелҳои забонҳои дигари эронӣ ва ғайриэронӣ истифода гардидаанд. Дар рисола нахустин маротиба роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар лаҳҷаҳои фавқуззикри ҳозираи тоҷикӣ нишон дода шудааст, мақому мавқеи ҳодисаҳои фонетикӣ дар таҳаввулоти онҳо ошкор карда шуда, бартарияти боқимонии унсурҳои луғавии эрониасл нисбат ба иқтибосӣ инъикос гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки** муаллиф ба баррасии робитаи забони “Ғиёс-ул-луғот” бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ даст зада, дар ҷараёни таҳлил кӯшиш кардааст, ки сабабҳо, усулҳо ва хусусиятҳои боқимонии унсурҳои луғавии дар луғатномаи мазкур истифодагардидаро дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии ҳозираи тоҷикӣ ба

риштаи таҳлил кашад.

Натиҷаҳои асосии пажуҳиш дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Диссертатсия аз мукаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии истифодагардида иборат аст.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзуъ асоснок ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин, методҳои таҳқиқ тавсиф шуда, навоварӣ ва арзиши назариву амалии он, инчунин нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби нахусти рисола **"Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ»** фарогири се фаслу ду зерфасл буда, дар онҳо масоили зайл: Ромпурӣ ва мансубияти маҳаллии вожаҳо, мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот», истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ ба сифати унсури эзоҳёбанда, корбурди онҳо аз тарафи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» баррасӣ шудаанд.

Дар фасли аввали боби нахуст **«Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ»** андешаҳои Ромпурӣ дар мавриди маҳз ба кадом минтақаи Мовароуннаҳр, Хуросону Эрон ва м. инҳо тааллуқ доштани чунин воҳидҳои луғавӣ баррасӣ гардида, вижагиҳои ҳар кадомашон ба тавri возеҳу равшан нишон дода шудаанд.

Зербоби дуюми боби якум таҳти унвони **«Мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот»** мавриди таҳлил луғатномаи якчанд унсури луғавие дучор меоянд, ки онҳо баробари ҳамчун вожаи эзоҳёбанда ба кор рафтанашон боз дар забони муаллиф низ истифода гардидаанд, яъне ӯ дар як ҳолат ин ё он калимаро ҳамчун унсури луғавии номафҳум шарҳ медиҳад.

Дар зербоби сеюми боби мазкур, ки **«Шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот»** унвон гирифтааст, муаллифи фарҳангномаи тазаккурёфта дар қатори дигар воҳидҳои луғавии забон як қатор фразеологизмҳоро низ маънидод кардааст.

Боби дуюми рисола «**Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ**» ба таҳлили пойдормонии унсурҳои луғавии бостонии ба ҳамон шакли дар "Ғиёс-ул-луғот" мустаъмал, инчунин, боқимонияшон ба гунаи таҳаввулёфта ё бо дигаргунии маъно бахшида шудааст.

Зербахши якум-«Муқоисаи вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» ба масъалаи корбурди

унсурҳои луғавии нодире дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ бахшида шудааст, ки онҳоро аз таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пайдо намудан бисёр душвор аст.

Дар зербахши дуюм **«Муқоисаи маъноҳои қадими вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»** доираи маъноии унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот» мавҷуда бо ҳамин гуна вожаҳои дар лаҳҷаҳои муосири номбурдаи тоҷикӣ пойдормонда қиёс гардидааст. Аз таҳлил хулоса шудааст, ки маҳфузмонии маъноҳои калимаҳои алоҳида дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ ягона набуда, дар яке бештар, дар дигаре камтар сурат гирифтааст.

Дар зербахши сеюм таҳти унвони «**Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли тағйири шакл кардаи «Ғиёс-ул-луғот»** бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» масъалаи таҳаввулоти шаклии вожаву ибораҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» мустаъмал дар тӯли мавҷудияташон аз назари таҳлил гузаронида шуда, онҳо бо маводи лаҳҷаҳои зикргардида қиёс карда шудаанд.

Боби сеюми рисола «**Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот»** бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» - фарогири чаҳор фаслу ду зерфасл аст.

Фасли якуми боби мазкур "Муқоисаи вожаҳои иқтибосии забонҳои дигари эронии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ" ном гирифтааст. Дар «Ғиёс-ул-луғот» воҳидҳои луғавие шарҳу эзоҳ ёфтаанд, ки онҳо ё ба забони портӣ, ё ба суғдӣ, ё ки ба забонҳои дигари ғарбӣ / шарқиэронӣ мансуб ҳастанд, ки яке аз онҳо заҳра аст.

Дар зербоби дуюм **«Боқимонии вожаҳои иқтибосии ҳиндии «Ғиёс-ул-луғот»** дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» таърихи забонҳои ҳиндуэронӣ ду гурӯҳи ин забонҳо: ҳиндуориёӣ ва эронӣ, щамчунин вожаҳои иқтибосӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Таҳлили қиёсии калимаҳои таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки қисме аз ин гуна вожаҳо дар айни замон аз доираи он берун шудаанд, аммо дар лафзи лаҳҷавӣ боқӣ мондаанд.

Зербоби чоруми боби мазкур **«Муқоисаи вожаҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»** буда, муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар қатори дигар калимаву таркибу ибораҳо даҳҳо унсури луғавии туркӣ- муғулиро шарҳ дода, сарчашмаи ахбори худро дар бораи туркӣ будани чунин воҳидҳои луғавӣ ишора намудааст.

Таъкид ба ёдоварист, ки ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси унвонҷӯ ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки

масълаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллифи диссератсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 32 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолахои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Натиҷаҳои пажуҳиши мазкурро метавон дар оянда ҳангоми таълифи осори таҳқиқӣ доир ба лаҳҷашиносии таърихӣ, таърихи забонҳои эронӣ, эҷоди фарҳангномаҳои этимологӣ истифода бурд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводи рисоларо метавон ҳангоми таълими курсҳои «Таърихи забонҳои тоҷикиву форсӣ», «Лаҳҷашиносии таърихӣ», курсу семинарҳои махсус мавриди истифода қарор дод. Инчунин натиҷаҳои умдаи рисола метавонад ба аспирантон дар таълифи рисолаҳои илмӣ кумак расонанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар диссертатсияи мазкур баъзе норасоиву камбудиҳоро мушоҳида намудем:

1. Дар мундариҷаи кор беҳтар мебуд, ки тавсифи умумии таҳқиқ бо нишон додани саҳифа оварда мешуд;
2. Зербоби дуюми боби якум ва зерфасли дуюми ҳамин боб аз нигоҳи мазмун хеле наздиканд, ки ин фаслҳоро метавон дар як фасл ҷойгир кард;
3. Дар баъзе ҷумлаҳо мантиқи онҳо коҳиш ёфтаанд (саҳ 95,62,85);
4. Дар рисола тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо оварда шудааст, вале агар дар мундариҷаи кор бо нишон додани саҳифа дарҷ мегардид, хуб мешуд;
5. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (62, 42, 55, 67, 89...) ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба чашм мерасад;

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи «Низомномаи шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267

тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он, Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович сазовори дарёфти дараҷаи илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, суратҷаласаи № 6/1 аз 12.01.2023 тасдиқ гардидааст.

**Раиси ҷаласа**: мудири кафедраи
забоншиосии муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент — Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Ташхисгар:**доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
забоншиосии муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

**Котиби ҷаласа:** муаллими калони кафедраи
забоншиосии муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Ҳамроев Озодбахт Абдуалимович.

Имзоҳои Соҳибназарова Ҳ.Т., Турсунов Ф.М., О. Ҳамроев-ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
«19» январи соли 2023

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.:(+992)2-32-50-00; 2 32 87 30; 2-32-50-05;